Маркази таҳфизи Қуръон
дар назди Маркази Исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон



# ТАҶВИДИ ҚУРЪОН

Нашриёти Паёми САБЗ

Маркази таҳфизи Қуръон дар назди Маркази Исломии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Таҷвиди Қуръон

Таҳияи Маркази таҳфизи Қуръон

Нашриёти Паёми САБЗ

***Душанбе-2010***

# Таҷвиди Қуръон

*Таҳияи:*
*Маркази таҳфизи Қуръон*

*Масъули чоп:*
*Қосимов Аловуддин*

*Тарҳи компютерӣ: М. Орипов*

© Маркази таҳфизи Қуръон, 2010

بِسْـــــمِ اللهِ الرَّحْمٰنِ الرَّحِيمِ

## §1. Муқаддима

Ситоиш Аллоҳро, ки Парвардигори оламиён аст ва дуруду саломи Худо бар бузургтарини пайғамбарон Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, ва бар олу асҳоб ва пайравонашон бод.

Хонандаи гиромӣ, Қуръон китобест, ки муаллифи он инсон нест, балки он каломи Аллоҳ таъоло, офаридгори тамоми ҳастӣ мебошад, ки бо воситаи Ҷабраил (а) ба паёмбари мо ҳазрати Муҳаммад (с) нозил гардидааст.

Қуръон 114 сураро дар бар мегирад ва ҳар як сура аз оятҳо иборат мебошанд. Ҳамагӣ дар Қуръон 6666 оят мавҷуд аст. Матни Қуръон ба 30 ҷузъ тақсим карда шудааст.

Қуръон беҳтарин ва одилонатарин қонунҳоро муайян кардааст, ки ба зиндагии иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои шахсӣ ва ҳуқуқи байналмиллалӣ марбут мебошанд. Қуръон на танҳо дастуру фармон медиҳад, балки дар баробари ин инсонро ба тафаккуру андеша намудан дар офариниши Худованд даъват менамояд.

Дар ҳадиси Паёмбари акрам (с) омадааст: *“Беҳтарини шумо он касоне ҳастанд, ки Қуръонро меомӯзанд ва ба дигарон таълим медиҳанд”.* Бинобар ин, азамату бузургии Қуръонро дарк намуда, мо бояд қоидаҳои дуруст ва бе хато хондани онро бидонем. Тиловати Қуръон фазилатҳои зиёде дорад. Ин ҷо якчанд одобро ёдрас мекунем, ки хонандаи Қуръон бояд онҳоро риоя намояд:

1. Қуръон бояд бо нияти холис хонда шавад. Нияти қорӣ аз риё ва худнамоӣ пок бошад.

2. Бе таҳорат ба Қуръон даст расондан манъ аст.

3. Суннат аст, ки хонандаи Қуръон бо либоси пок, дар

ҷои тоза ва рӯ ба тарафи қибла биншинад.

4. Дар замин ниҳодани Қуръон беэҳтиромӣ нисбати он ба ҳисоб меравад. Мувофиқи суннат Қуръон бояд дар ҷои муносиб ва баланд гузошта, сипас хонда шавад.

5. Ангуштонро ба оби даҳон тар карда варқ задани Қуръон манъ аст.

6. Дар тоқчаҳое, ки китобҳои динӣ гузошта шудаанд, Қуръон бояд аз ҳама болотар бошад. Дар болои он чизе ниҳодан манъ аст.

7. Ба ҳоҷатхона ва ҷойҳои ифлос даровардани Қуръон ё коғазҳое, ки дар он ояте навишта шуда бошад ва ё бо овози баланд хондани Қуръон дар чунин ҷойҳо манъ аст.

8. Суннат аст, ки тиловати Қуръон бо хондани «Аъузубиллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим» ва «Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» оғоз шавад ва бо «Садақаллоҳу-л-ъазим» поён ёбад ва дар охир сураи «Фотиҳа» хонда шавад.

9. Қуръон бояд бо эҳтироми хос, бешитоб, бо хушовозӣ, мувофиқи қоидаҳои таҷвид ва бехато тиловат шавад. Чунки Худованд фармудааст: *«Ва Қуръонро шумурдаву (бо диққат) равшан бихон».*

10. Хондани Қуръон аз рӯи китоб беҳтар аст, аз он ки азёд хонда шавад. Зеро дар ин ҳолат чашмони мо низ дар савоб шарик хоҳанд шуд.

11. Пеш аз хондани Қуръон мисвок задан ё обгардон кардани даҳон хуб аст.

12. Агар шахсе ҳангоми хондани Қуръон садои азон ё салом додани касеро шунид, бояд истода азонро шунавад, ё ҷавоби саломро диҳад ва сипас қироаташро идома диҳад.

13. Тиловаткунандаи Қуръон бояд чунин эътиқод дошта бошад, ки ӯ дар ҳузури Аллоҳ таъоло қарор дорад ва каломи Худовандро мехонад.

14. Ҳангоми тиловати Қуръон ба атроф нигоҳ кардан, бо дигарон сухан гуфтан ва дар бораи чизҳои беҳуда фикр кардан манъ аст.

15. Хондани матни арабии Қуръон, ки бо ҳарфҳои ғайриарабӣ навишта шудааст, манъ аст.

16. Хондани Қуръон аз рӯи тартиби сураҳо беҳтар аст.

17. Шахсе, ки тарзи дуруст хондани Қуръонро меомӯзад, набояд тиловати онро, аз тарси хато хондан, ба таъхир андозад.

Ҳар ҳарфи арабии Қуръон, ки тиловат мекунем, агарчанде маънои онро дарк ҳам насозем, барои мо савоби бисёр дорад ва дар кору фаъолияти мо таъсири хуб мегузорад.

Иншоаллоҳ, ин китоб барои дуруст ва бо риояи таҷвид хондани Қуръон ба мо кӯмак хоҳад намуд.

**Таҷвид** – ин илмест, ки тавассути он Қурони карим дуруст ва бехато хонда мешавад ва аз нодуруст фаҳмидани маънои он нигоҳ медорад.

Ҳадафи асосии таҷвид адои талаффузи ҳарфҳо бо оромӣ, мувофиқи махраҷ ва шинохти мавзеъи вақфҳо аст. Ҷои пайдоиши ҳарфро махраҷи ҳарф мегӯянд. Риояи махраҷи ҳарф ин истифодаи усулҳои муайяни талаффуз мебошад, ки имкон медиҳад ҳар як ҳарф садои аслии худро диҳад.

## §2. Алифбои арабӣ ва тарзи навишти он.

Ҳарфҳои арабӣ аз рӯи дарозӣ ва ҷойгишавиашон дар сатр фарқ мекунанд. Мо онҳоро бо ҳарфи аввалини алифбои арабӣ (алиф - ا) муқоиса хоҳем кард. Арабҳо аз тарафи рост ба чап менависанд ва мехонанд.

Дар забони арабӣ ҳарфҳои калон ва хурд нест. Алифбои арабӣ аз 28 ҳарфи ҳамсадо иборат аст.

## §3. Ҳамсадоҳои пурра (ғафс), нарм (борик) ва миёна.

Агар қисмати миёнаи забонро боло бардошта ва ба қисмати сахти миёнаи ком наздик намоем, ҳамсадоҳои нарм аз он ҷо талаффуз мешаванд. Агар қисмати охири забон ба нармии ком наздик шавад, пас ҳамсадоҳои пурра аз он ҷо талаффуз мешаванд. Дар ҳолати фосила доштани забон аз ком ҳамсадоҳои миёна талаффуз карда мешаванд.

Ба ҳамсадоҳои пурра ҳарфҳои зер дохил мешаванд:

**(ق, خ, غ, ض, ص, ظ, ط).**

## §4. Садоноки кӯтоҳ ва ҳаракатҳо.

Дар алифбои арабӣ ҳарфҳои садонок нест. Барои ифода кардани садонокҳои кӯтоҳ аломатҳое истифода бурда мешаванд, ки дар боло ё зери ҳарфҳои ҳамсадо гузошта мешаванд.

Садоноки кӯтоҳи (а) бо хатчаи моил дар болои ҳарфи ҳамсадо (ـَ) ифода мешавад, ки он «фатҳа» ном дорад. Садоноки кӯтоҳи (и) бо хатчаи моил дар зери ҳарфи ҳамсадо (ـِ) ифода мешавад, ки он «касра» ном дорад. Садоноки кӯтоҳи (у) бо аломати вергул дар болои ҳарфи ҳамсадо (ـُ) ифода мешавад, ки он «замма» ном дорад. Мавҷуд набудани садонок бо доирачаи хурд (ـْ) дар болои ҳарф ифода мешавад, ки он (сокин), ном дорад.

Ҳамин тавр, ин аломатҳо дар якҷоягӣ бо алиф (أَ, إِ, أُ)

ҳарфҳои садоноки (а), (и) ва (у)-ро ифода мекунанд ва «ҳаракат» номида мешаванд.

## §5. Шаклҳои ҳарфҳои алифбои арабӣ.

Аз 28 ҳарфи ҳамсадои алифбои арабӣ 22 ҳарфи он чаҳор шакли навишт доранд ва аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешаванд, шаш ҳарфи боқимонда: ( ا ) алиф, ( ر ) ро, ( ز ) зо, ( ذ ) зол, ( د ) дол ва ( و ) вов душакла буда, танҳо аз тарафи рост ба дигар ҳарфҳо пайваст мешаванд.

Ҳар як ҳарф вобаста ба ҷойгиршавиаш дар калима шакли худро дигар мекунад:

**Дар алоҳидагӣ:**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ج<br>**Ҷим** | ث<br>**Со** | ت<br>**То** | ب<br>**Бо** | ا<br>**Алиф** |
| ر<br>**Ро** | ذ<br>**Зол** | د<br>**Дол** | خ<br>**Хо** | ح<br>**Ҳо** |
| ض<br>**Зод** | ص<br>**Сод** | ش<br>**Шин** | س<br>**Син** | ز<br>**Зо** |
| ف<br>**Фо** | غ<br>**Ғайн** | ع<br>**Айн** | ظ<br>**Зо** | ط<br>**То** |
| ن<br>**Нун** | م<br>**Мим** | ل<br>**Лом** | ك<br>**Коф** | ق<br>**Қоф** |
| ء<br>**Ҳамза** | ي<br>**Ё** | لا<br>**Лом-алиф** | ه<br>**Ҳо** | و<br>**Вов** |

**Дар аввал:**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| خـ | حـ | جـ | ثـ | تـ | بـ | ا |
| صـ | شـ | سـ | ز | ر | ذ | د |
| قـ | فـ | غـ | عـ | ظـ | طـ | ضـ |
| يـ | و | هـ | نـ | مـ | لـ | کـ |

**Дар миёна:**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ـخـ | ـحـ | ـجـ | ـثـ | ـتـ | ـبـ | ـا |
| ـصـ | ـشـ | ـسـ | ـز | ـر | ـذ | ـد |
| ـقـ | ـفـ | ـغـ | ـعـ | ـظـ | ـطـ | ـضـ |
| ـيـ | ـو | ـهـ | ـنـ | ـمـ | ـلـ | ـکـ |

**Дар охир:**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ـخ | ـح | ـج | ـث | ـت | ـب | ـا |
| ـص | ـش | ـس | ـز | ـر | ـذ | ـد |
| ـق | ـف | ـغ | ـع | ـظ | ـط | ـض |
| ـي | ـو | ـه | ـن | ـم | ـل | ـك |



## §6. Ҳарфи ( ا ) (алиф)

Алиф хатчаи ростест, ки дар танҳоӣ ягон овозро ифода намекунад. Дар якҷоягӣ бо ҳаракатҳои (اَ, اِ, اُ) овозҳои (а, и, у)-ро ифода мекунад. Бо озодона баровардани нафас аз ҳалқ ва бе иштироки забон талаффуз карда мешавад. Алиф дарозии садоноки (а)-ро ифода карда, дар зери ҳамза (ء) гузошта мешавад. Душакла буда, танҳо аз тарафи рост ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| | | |
|---|---|---|
| ـُا | ـِا | اَ |



## §7. Ҳарфи ( ر ) (ро)

Овози (р) – ҳамсадои пурра мебошад. Нӯги забонро ба бехи вораҳои дандонҳои пеши боло расонда бо андак ларзиши забон, ғафс талаффуз карда мешавад. Агар пеш аз он аломати касра ояд, нарм талаффуз карда мешавад. Душакла буда, танҳо аз тарафи рост ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| | | |
|---|---|---|
| ـرُ | ـرِ | رَ |
| اُرْ | اِرْ | اَرْ |



## §8. Ҳарфи ( ز ) (зо)

Овози (з) – ҳамсадои миёна мебошад. Нӯги забонро ба сари дандонҳои пеши поён наздик карда талаффуз мешавад. Душакла буда, танҳо аз тарафи рост ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ـزُ | | ـزِ | | زَ |
| زرْ | زَرْ | اُزْ | اِزْ | اَزْ |
| اُرِزْ | اُزْرُ | اِزْرُ | أَزْرُ | زُرْ |



## §9. Ҳарфи ( م ) (мим)

Овози (м) – ҳамсадои миёна мебошад. Лабҳоро ба ҳам расонда нафасро аз димоғ баровварда талаффуз карда мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـمُ | | | ـمـ | | مَـ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| رُزْ | رُمْ | مُزْ | مُرْ | اُمْ | اِمْ | اَمْ |
| زَمْرْ | اِرْمْ | رَمْزْ | اُمْرْ | اَمُرْ | اُمِرْ | اَمِرْ |
| اَرْزَمْ | مَمْزَرْ | زَمْزَمْ | اَمْزَرْ | رَمْرِمْ | مِرْزَمْ | مِرْمَرْ |



## §10. Ҳарфи ( ت ) (то)

Овози (т) ҳамсадои миёна мебошад. Нӯги забонро ба паси дандонҳои пеши боло расонда талаффуз карда мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـتُ | | ـتـ | | تَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| تُمْ | مُتْ | تِمْ | مِتْ | تَمْ | مَتْ |
| مَرَرْتُ | اَمَرْتَ | زُرْتِ | تَرِزْ | مَتَرْ | تَمَرْ |
| مُرِرْتُمْ | مَرَرْتُمْ | اُمِرْتُمْ | اَمَرْتُ | اَمَرَتْ | اُمِرْتُ |



## §11. Ҳарфи ( ن ) (нун)

Овози (н) – ҳамсадои миёна мебошад. Нӯги забонро ба вораҳои дандонҳои пеши боло расонда, овозро аз димоғ бароварда талаффуз карда мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـنُ | | ـنـ | | نـَ | |
|---|---|---|---|---|---|
| نَمْ | مِنْ | مَنْ | زِنْ | اِنْ | اَنْ |
| نَزِنُ | نَزِرُ | نُمْتُمْ | اَنْتُمْ | نِمْتَ | اَنْتَ |
| اَمْرَرنَ | مَرَرْتُ | مُرِرنَ | مَرَرْنَ | اُمْرِنَ | اَمْرَنَ |



## §12. Ҳарфи ( ي ) (ё)

Ҳарфи (ي) садои байникомӣ мебошад. Дар вақти талаффузи ин овоз қисми мобайнии пушти забон ба сахтии ком наздик шуда, забон андаке ба пеши ком ҳаракат дода мешавад. Сӯрохие, ки дар байни ком ба вуҷуд меояд, то андозае танг шуда, ба овоз садои баландеро зам мекунад, ки аз шиддати нафас пайдо шудааст. Пас нармии ком ба боло бардошта шуда ҳаво қисматан аз димоғ мебарояд. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـيِ | | ـيِـ | | يـَ | |
|---|---|---|---|---|---|
| رَمْيِ | رَأْيِ | مَيْتُ | زَيْتُ | اَيْمُ | اَيِ |
| اَيْمَنَ | نَيْمَنَ | مَيْمَنَ | مِيْزَرَ | مَرْيَمَ | يَمَنَ |
| مَيْتَيْنِ | اَرْمَيْنِ | اَيْمَيْنِ | رَمْزَيْنِ | زَيْتَيْنِ | اَمْرَيْنِ |



## §13. Ҳарфи ( ب ) (бо)

Овози (б) – ҳамсадои миёна мебошад. Ҳарду лабро ба ҳам часпонда талаффуз карда мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـبُ | | ـبِـ | | بَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| رَيْبُ | بَيْنُ | بَيْتُ | بِنْتُ | اِبْنُ | آَبْ |
| مِنْبَر | اَبْرَم | رِمْرِم | بِيْرَم | بِرْبِر | زَيْنَب |
| زَيْنَبِين | مِبْرَمِين | بِيْرَمِين | مِنْبَرِين | بِبِيتِين | بِاَمْرِين |



## §14. Ҳарфи ( ك ) (коф)

Овози (к) ҳамсадои байникомӣ мебошад. Дар вақти талаффузи он қисми байни забон ба сахтии ком зич часпида, баъди камтар нигоҳ доштан, озодона аз ком ҷудо мешавад. Дар ин ҳолат нармии ком ба боло бардошта шуда, ҳаво аз даҳон мебарояд. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـكُ | | ـكـ | | كَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| مَكْرُ | بَكْرُ | كَيْ | كُنْ | كُمْ | كَمْ |
| تَرَك | يَكْتُبُ | كَتَبَ | تَرْكُ | كَنْزُ | كَرْمُ |
| مُمْكِنْ | كُنْتُ | اَمَرْتَكَ | اَمَرَكَ | كَتَبْتُمْ | يَتْرُكُ |

## §15. Ҳарфи ( ل ) (лом)



Овози (л) ҳамсадои миёна мебошад. Дар вақти талаффузи он нӯги забон ба бехи дандонҳои боло наздик шуда, роҳи гузаштани ҳаворо дар вақти нафасбарорӣ манъ мекунад. Қисми аввали байни забон ба вораҳои дандонҳои боло бо ҳам зич ҷойгир шуда, ҳаво ба ду паҳлӯи забон ҷорӣ мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـلُ | | ـلـ | | لَ | |
|---|---|---|---|---|---|
| كلْ | لَنْ | لُمْ | لَمْ | بَلْ | اَلْ |
| اَكْمَلَ | اَلْزَمَ | اَنْزَتَ | كَمُلَ | لَزِمَ | نَزَلَ |
| اَكَلْتُمْ | اَكَلْتُ | اَكَلْت | اَكَلْتَ | اَكَلْنَ | اَكَلَتْ |
| مُتَزَلْزَلْ | مُتَزَلْزِلْ | يَتَزَلْزَلُ | تَزَلْزَلَ | يَلَمْلَمْ | بُلْبُلْ |

## §16. Ҳарфи ( و ) (вов)



Овози (в) – ҳамсадои байнилабӣ мебошад. Дар вақти талаффузи он лабҳо пеш рафта, ба шакли доирачаи хурд қарор мегиранд. Душакла буда, танҳо аз тарафи рост ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـوُ | | ـوِ | | وَ |
|---|---|---|---|---|
| وَرَمْ | لَوْ | نَوْ | رَوْ | اَوْ |
| وَكَمْ | وَلَمْ | وَلَنْ | وَمَنْ | وَتَرْ |
| وَيْلُ | كَوْنُ | يَوْمُ | دَوْمُ | اَوْلُ |
| اَوْتَرْتُمْ | اَوْلَمْتُمْ | مَوْكِبْ | كَوْكَبْ | وَزَنْ |



## §17. Ҳарфи ( ہ ) (ҳо)

Овози (ҳ) – ҳамсадои васлшаванда ва молишхӯранда мебошад. Дар вақти талаффузи он садопардаҳо бо ҳам зич шуда, устувор намешаванд. Ҳавое, ки аз ковокии даҳон ба воситаи сӯрохии садопардаҳо берун меояд, садои (ہ)-ро тавлид мекунад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـهُ | | ـهِـ | | هَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| هُمْ | هِيَ | هُوَ | هَلْ | هَمْ | هَبْ |
| لَهُمْ | وَهَمْ | لَهَبْ | وَهَبْ | اَهَمْ | زُهْ |
| اَمْهِلْهُمْ | اَلَيْهِمْ | اَلَيْه | مِنْهُمْ | مِنْهُ | بِهِمْ |



## §18. Ҳарфи ( ف ) (фо)

Овози (ф) – ҳамсадои миёнаи лабудандонӣ мебошад. Қисмати дарунии лаби поёнро ба нӯги дандонҳои пеши боло расонда талаффуз карда мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـفُ | | ـفِـ | | فَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| نَفَرْ | كَفَنْ | فَلَكْ | كَفْ | فَنْ | فَمْ |
| كُفْرْ | زِفْرُ | فِكْرُ | فَهْمُ | فَوْزُ | فُورْ |
| اِفْهَمْ | يَفْهَمُ | فَهِمَ | نَوْفَرْ | نَوْفَلْ | قُلْقُلْ |
| يَنْفَرِدُ | اِنْفَرَدَ | يَفْتَكِرُ | اِفْتَكَرَ | يَفْتَتِنُ | اِفْتَتَنَ |



## §19. Ҳарфи ( ق ) (қоф)

Овози (қ) – ҳамсадои пасикомии баландсадои беҷаранг мебошад. Дар вақти талаффузи он охири забон ба нармии ком аз болои забонча маҳкам мечаспад. Ҳангоми ҷудо шудани забон аз нармии ком овози (ق) талаффуз карда мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـقُ | | ـقـ | | قَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| قهْ | قفْ | قُمْ | قُلْ | قنْ | زُقْ |
| لَقَبْ | قَمَرْ | قَلَمْ | فَوْقُ | قَبْلُ | قَلْبُ |
| يَنْقَلِبُ | انْقَلَبَ | يَقْتَرِبُ | اقْتَرَبَ | قَلَقْ | قُمْقُمْ |
| فَرْقُ - فَرْكُ | | فَلَقْ - فَلَكْ | | قَدَرْ - كَدَرْ | |



## §20. Ҳарфи ( ش ) (шин)

Овози (ш) – ҳамсадои пешикомӣ ва баланди беҷаранг мебошад. Дар вақти талаффузи он нӯги забон ба пеши ком наздик шуда, байни нӯги забон ва чуқурчаҳои решаҳои дандон сӯрохии хурде ба вуҷуд меояд, ки дар вақти талаффуз аз он ҳаво мегузарад. Дар ҳамин ҳолат қисми байни забон ба миёнаи ком наздик шуда, овози иловагиеро ба вуҷуд меорад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـشُ | | ـشـ | | شَـ |
|---|---|---|---|---|
| شَمْ | شَقْ | شَرْ | بُشْ | وَشْ |
| نَشْرُ | شَهْرُ | شُرْبُ | بِشْرُ | شَكْ |
| مُشْتَهِرْ | مَشْرِبْ | مَشْرَبْ | شُرْبُ | شُكْرُ |
| يَبْرَنْشِقُ | ابْرَنْشَقَ | يَشْتَهِرُ | اشْتَهَرَ | مُشْتَرَكْ |



## §21. Ҳарфи ( س ) (син)

Овози (с) – ҳамсадои миёна мебошад. Нӯги забонро ба паси дандонҳои пеши поён расонда талаффуз карда мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـسُ | | ـسـ | | سَـ |
|---|---|---|---|---|
| سلْ | سنْ | سرْ | سَمْ | بَسْ |
| سَمَكْ | سَلَفْ | سَبَقْ | سَقَرْ | سَفَرْ |
| مُسْرِفْ | مُسْلِمْ | مَسْكَنْ | مَسْلَكْ | فَرَسْ |
| يَسْتَيْسِرْ | اسْتَيْسَرَ | يُسْلِمُ | اَسْلَمَ | سِمْسِمْ |



## §22. Ҳарфи ( ث ) (со)

Овози (ċ) – ҳамсадои байнидандонӣ мебошад. Нӯги забонро дар байни дандонҳои пеши болову поён гузошта талаффуз карда мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـثُ | | ـثـ | | ثَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| ثَمَرْ | ثَمَنْ | ثِنْ | ثُمْ | ثِبْ | بَثْ |
| مَثَلْ | مُثُلْ | مِثْلُ | ثَيِّبُ | ثَوْبُ | ثَوْرُ |
| يُثْبِتُ | اَثْبَتَ | يُكْثِرُ | اَكْثَرَ | اَمْثَلْ | كَوْثَرْ |
| يَسْتَثْقِلُ | | اسْتَثْقَلَ | يَسْتَكْثِرُ | | اسْتَكْثَرَ |
| ثَلْثُ – سَلْسُ | | ثَبْتُ – سَبْتُ | | ثَمَرْ – سَمِرْ | |



## §23. Ҳарфи ( ص ) (сод)

Овози (с) – ҳамсадои пурра мебошад. Барои дуруст талаффуз кардани (ص), ҳамсадои (س)-ро бояд каме сахтар талаффуз намуда, лабҳоро камтар даврамонанд карда нӯги забон ба бехи дандонҳои пеши поён расонда шавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـصُ | | ـصـ | | صَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| بَصَرْ | صَبَرْ | صَرَفْ | فَصْ | صِفْ | صُمْ |
| يَسْتَبْصِرْ | اسْتَبْصَرَ | يَنْصُرُ | نَصَرَ | صَبْرْ | قَصَبْ |
| انْتَسَبَ – انْتَصَبَ | | سَيْفُ – صَيْفُ | | سَفَرْ – صَفَرْ | |



## §24. Ҳарфи ( ط ) (то)

Овози (то) – ҳамсадои ташдидии устувор ва пасидандонии беҷаранг мебошад. Дар вақти талаффузи ин ҳарф забон ба боло бардошта шуда қисми пеши забон ба қисми пеши ком маҳкам часпида, боз зуд канда мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـطُ | | ـطـ | | طَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| فَقَطْ | قَطْ | بَطْ | شَطْ | طَيْ | طَلْ |
| مَطَرْ | طِفْلُ | طُهْرْ | طَرَفْ | طَلَبْ | وَطَنْ |
| طَوْلُ | طَيْرُ | مَرْبِطْ | مَوطِنْ | مَسْقَطْ | مَطْلَبْ |
| يَسْتَوْطِنُ | اسْتَوْطَنَ | يَنْفَطِرُ | انْفَطَرَ | يَصْطَبِرُ | اصْطَبَرَ |
| مُسْتَطِرْ – مُسْتَتِرْ | | سَبْطْ – سَبْتُ | | طَرَفْ – تَرَفْ | |



## §25. Ҳарфи ( ج ) (ҷим)

Овози (ҷ) – ҳамсадои пешикомии ҷарангдор мебошад. Дар вақти талаффузи он забон ба қисми пеши дандонҳои боло наздик шуда, андак нигоҳ дошта мешавад ва баъди ҷудо шудани он овози (ج) садо медиҳад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـجُ | | ـجـِ | | جَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| جَبَلْ | جُلْ | جَبْ | جِنْ | جَرْ | جَمْ |
| جَهْلُ | جَوْرَبُ | جَوْهَرْ | فَجْرُ | اَجْرِ | جَمَلْ |
| يَسْتَجْوِبُ | اِسْتَجْوَبَ | يَسْتَجْلِبُ | اِسْتَجْلَبَ | يَتَجَوْرَبُ | تَجَوْرَبَ |



## §26. Ҳарфи ( خ ) (хо)

Овози (х) – ҳамсадои пасикомии амиқи баландсадои беҷаранг мебошад. Дар вақти талаффузи он забон ба қафо бардошта шуда, байни пушти забон ва забонча сӯрохии борике пайдо мешавад, ки ҳаво аз он ҷо мегузарад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـخُ | | ـخـ | | خَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| خَلَفْ | خَشَبْ | خَبَرْ | خَرَجْ | خَلْ | خَبْ |
| مَخْبِرْ | مَخْرَجْ | خَوْفُ | خَمْرْ | خَتْمُ | خَيْرْ |
| يُخْبِرْ | اَخْبَرَ | يُخْرِبُ | اَخْرَبَ | يُخْرِجُ | اَخْرَجَ |
| يَسْتَخْرِجُ | اِسْتَخْرَجَ | يَسْتَخْرِبُ | اِسْتَخْرَبَ | يَسْتَخْبِرُ | اِسْتَخْبَرَ |



## §27. Ҳарфи ( ح ) (ҳо)

Овози (ҳо) ҳамсадои баландсадои беҷаранг мебошад. Аз миёнаи ҳалқ бе иштироки забон талаффуз карда мешавад. Ҳангоми баромадани ҳаво нармии ком ба боло бардошта шуда, роҳи ҳаво ба димоғ баста мешавад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـحُ | | ـحـ | | حَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| مُحْسِنْ | حَسَبْ | حَسَنْ | حَجْ | حِلْ | حَي |
| يَمْتَحِنُ | اِمْتَحَنَ | اَحْسَنْ | مَحْفَلْ | مَنْحَرْ | مَحْشَرْ |
| يَحْرَنْجِمُ | اِحْرَنْجَمَ | يَسْتَحْسِنُ | اِسْتَحْسَنَ | يَحْتَمِلُ | اِحْتَمَلَ |
| اَرْحَمْ – اَرْخَمْ | | حَتْمُ – خَتْمْ | | حَلْقُ – خَلْقْ | |



## §28. Ҳарфи ( ع ) (айн)

Овози (ع) – ҳамсадои ҷарангдори баландсадо мебошад. Дар вақти талаффузи он мушакҳои ҳалқ ҷафс шуда, таранг мешаванд. Баъди таваққуфе мушакҳо якбора суст шуда, садопардаҳо меларзанд. Нармии ком боло рафта, ҳаво аз ковокии даҳон мебарояд. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـعُ | | ـعـ | | عَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| عِرِ | مَعَ | سَعْ | عَمْ | عَنْ | بِعْ |
| جَعْلُ | جَمْعُ | عُمْرُ | عِلْمُ | عَمَلْ | عَجَبْ |
| عَنْبَرْ | عَرْعَرْ | جَعْفَرْ | عَيْلَمْ | عَسْكَرْ | عَبْعَبْ |
| بَلْعُ – بَلْغُ | | بَعْلُ – بَغْلُ | | عَيْنُ – غَيْنُ | |



## §29. Ҳарфи ( غ ) (ғайн)

Овози (ғ) – ҳамсадои пасикомии баландсадои ҷарангдор мебошад. Дар вақти талаффузи он қисми ақиби забон ба қафо кашида шуда, нармии ком бардошта мешавад ва сӯрохиеро ба вуҷуд меорад, ки ҳаво аз он ҷо гузашта ларзиши забонро бармеангезад. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

<table>
<tr><td colspan="4">ـغُ</td><td colspan="4">ـغـ</td><td colspan="4">غَـ</td></tr>
<tr><td colspan="2">فَرْغْ</td><td colspan="2">بَغْلُ</td><td colspan="2">غَيْرُ</td><td colspan="2">غلْ</td><td colspan="2">غَبْ</td><td colspan="2">غَمْ</td></tr>
<tr><td colspan="2">اغْفر</td><td colspan="2">اغْلبْ</td><td colspan="2">غَيْبُ</td><td colspan="2">مَغْرِب</td><td colspan="2">مَبْلَغْ</td><td colspan="2">غَبْغَبْ</td></tr>
<tr><td colspan="3">يَسْتَغْفِرُ</td><td colspan="3">اسْتَغْفَرَ</td><td colspan="3">يَشْتَغلُ</td><td colspan="3">اشْتَغَلَ</td></tr>
</table>



## §30. Ҳарфи ( د ) (дол)

Овози (д) – ҳамсадои миёна мебошад. Нӯги забонро ба миёнаи дандонҳои пеши боло расонда талаффуз карда мешавад. Душакла буда, танҳо аз тарафи рост ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

<table>
<tr><td colspan="4">ـدُ</td><td colspan="4">ـد</td><td colspan="4">دَ</td></tr>
<tr><td colspan="2">قَدْ</td><td colspan="2">زِدْ</td><td colspan="2">رِدْ</td><td colspan="2">دُفْ</td><td colspan="2">دُبْ</td><td colspan="2">دُمْ</td></tr>
<tr><td colspan="2">دُهْنُ</td><td colspan="2">دَهْرُ</td><td colspan="2">دَلْكُ</td><td colspan="2">دَبْغُ</td><td colspan="2">دَفْعُ</td><td colspan="2">دَرْسُ</td></tr>
<tr><td colspan="2">اَرْدَرْ</td><td colspan="2">أُقْعُدْ</td><td colspan="2">أُشْدُدْ</td><td colspan="2">هُدْهُدْ</td><td colspan="2">قُدْقُدْ</td><td colspan="2">دُلْدُلْ</td></tr>
<tr><td colspan="3">يَسْتَرْشِدُ</td><td colspan="3">اسْتَرْشَدَ</td><td colspan="3">يَعْتَدِلُ</td><td colspan="3">اعْتَدَلَ</td></tr>
</table>



## §31. Ҳарфи ( ض ) (зод)

Овози (з) – ҳамсадои пасидандонии баландсадои ҷарангдори пурра мебошад. Барои талаффузи (ض) бояд забонро аз паҳлӯ ба дандонҳои курсии боло расонд. Ҳангоми талаффузи он ҳамаи узвҳои нутқ, хусусан забон устувор мебошанд. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـضُ | | ـضـ | | ضَـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| عَرَضُ | ضَعْفُ | ضَبْطُ | ضَهْبُ | عَضْلُ | ضَيْفُ |
| نَضْرِبُ | اَضْرِبُ | تَضْرِبْ | اضْرِبْ | مضْرَبْ | مَضْرِبْ |
| يَسْتَضْغطُ | اسْتَضْغَطَ | يَسْتَضْعفُ | اسْتَضْعَفَ | يَضْطَرِبُ | اضْطَرَبَ |
| بَعْضُ – بَعْدُ | | وَضْعُ – وَدْعُ | | ضَرْسُ – دَرْسُ | |



## §32. Ҳарфи ( ذ ) (зол)

Овози (з) – ҳамсадои ҷарангдори байнидандонӣ мебошад. Нӯги забонро ба нӯги дандонҳои пеш расонда, ҳаворо аз байни дандонҳои пеши боло ва забон гузаронда, талаффуз карда мешавад. Душакла буда, танҳо аз тарафи рост ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـذُ | | ـذ | | ذَ | |
|---|---|---|---|---|---|
| ذُقْ | ذُبْ | عُذْ | خُذْ | مُذْ | اذْ |
| ذهْنُ | ذكْرُ | بَذْلُ | اذْنُ | مُنْذُ | ذَرْ |
| يَبْذُلُ | بَذَلَ | يَذْهَلُ | ذَهَلَ | مَذْهَبْ | ذَهبْ |
| اَبْزَلْ – اَبْذَلْ | | بَزْلُ – بَذْلُ | | زِفْرُ – ذفْرُ | |



## §33. Ҳарфи ( ظ ) (з̱о)

Овози (з̱) – ҳамсадои ташдидӣ ва баландсадои пасидандонии ҷарангдор мебошад. Дар вақти талаффузи он нӯги забон ба қисми поёни дандонҳои пеши боло расонда шуда, узвҳои нутқ устувор мешаванд. Чоршакла буда, аз ду тараф ба дигар ҳарфҳо пайваст мешавад.

| ـظ | | ـظـ | | ظـ | |
|---|---|---|---|---|---|
| لَظ | عَظ | حَظ | فَظ | ظلْ | ظَنْ |
| عظْم | ظَلْف | ظَمَر | حَظْر | نَظْر | ظَفَر |
| ظُهْر | ظُلْم | حظَل | ظلْفُ | ظَلْفُ | نَظْم |
| مُظْلم | مُظْهر | مَنْظر | مَظْهَر | اَظْفَر | اَظْهَر |
| يَظْلم | ظَلَم | يَنْظُر | نَظَر | يَظْهَر | ظَهَر |
| يَسْتَظْلُم | اسْتَظْلَم | يَسْتَعْظم | اسْتَعْظَم | يَنْتَظم | انْتَظَم |
| ضَهْر – ظَهْر | | حَضَر – حَظَر | | ظَفْر – ذَفَر | |
| اَعْظَم – اَعْزَم | | اَظْهَر – اَزْهَر | | ظَهْر – زَهْر | |

## §34. Садонокҳои дароз.

Дар забони арабӣ барои он ки садонокҳои дароз дар навиштан ифода карда шаванд, ҳарфҳои (ا, ى, و)- ро истифода мебаранд. Дар забони арабӣ онҳоро ҳарфҳои мад меноманд. Дар якҷоягӣ бо садонокҳои кӯтоҳи (а, и, у) онҳо дарозии талаффузро ифода карда, ду маротиба дарозтар хонда мешаванд.

1. Садоноки (а) ҳангоми якҷоягӣ бо ҳарфҳои (ا, ى, و) ва дар болои ҳарфи қаблӣ аломати фатҳа будан дароз хонда мешавад.

2. Садоноки (и) ҳангоми якҷоягӣ бо ҳарфи (ى) бо ало-

мати касра (касра) дар зери ҳарфи қаблӣ дароз хонда мешавад.

3. Садоноки (у) ҳангоми якҷоягӣ бо ҳарфҳои (و) ва дар болои ҳарфи қаблӣ аломати замма будан дароз хонда мешавад.

Калимаҳои зер аз ин қоида истисно ҳастанд:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| اَلْأُولَى | أُولَئِكَ | أُولَاءِ | أُولَاتَ | أُولِي | أُولُو |
| | اعْمَلُوا | اعْلَمُوا | قَالُوا | آمَنُوا | آمَنُوا |

4. Ҳамин тавр, ҳар як ҳарфи (ا, ى, و) дар навиштан ду вазифаи гуногунро иҷро мекунанд. Онҳо ё овозҳои садонокро ифода мекунанд, ки дар ин ҳолат ҳаракатҳои хоси худро доранд, ё дароз талаффуз намудани садонокҳои (а, и, у)-ро мефаҳмонанд, ки дар ин ҳолат ҳаракатҳои хоси худро надоранд.

Дар вақти талаффузи садонокҳои дароз ва кӯтоҳ бояд хеле эҳтиёт намуд, зеро аз кӯтоҳ ё дароз талаффуз кардани садонок дар калима маънои он тағйир меёбад.

Мисол: (جَمَلٌ) – ҷамалун – уштур, (جَمَالٌ) – ҷамаалун – зебоӣ.

| وُ | | | يِ | | | اَ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| تُو | تِي | تَا | بُو | بِي | بَا | أُو | اِی | اَ |
| حُو | حِی | حَا | جُو | جِی | جَا | ثُو | ثِی | ثَا |
| ذُو | ذِی | ذَا | دُو | دِی | دَا | خُو | خِی | خَا |
| سُو | سِی | سَا | زُو | زِی | زَا | رُو | رِی | رَا |
| ضُو | ضِی | ضَا | صُو | صِی | صَا | شُو | شِی | شَا |
| عُو | عِی | عَا | ظُو | ظِی | ظَا | طُو | طِی | طَا |
| قُو | قِی | قَا | فُو | فِی | فَا | غُو | غِی | غَا |
| مُو | مِی | مَا | لُو | لِی | لَا | كُو | كِی | كَا |
| هُو | هِی | هَا | وُو | وِی | وَا | نُو | نِی | نَا |
| | | | | | | يُو | يِی | يَا |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| بُو | یِی | بَا | یُو | یِ | یَا | تُو | هی | تَا |
| غُو | تِی | هَا | ثُو | وِی | ثَأ | وُو | تِی | وَا |
| جُو | نِی | جَا | نُو | جِی | نَا | حُو | می | حَا |
| مُو | حی | مَا | خُو | لِی | خَا | لُو | خی | لَا |
| دُو | کِی | دَا | کُو | دی | کَا | ذُو | قی | ذَا |
| قُو | ذی | قَا | رُو | فِی | رَا | فُو | رِی | فَا |
| زُو | غی | زَا | غُو | زِی | غَا | سُو | عی | سَا |
| عُو | سی | عَا | شُو | ظی | شَا | ظُو | شی | ظَا |
| صُو | طی | صَا | طُو | صی | طَا | ضُو | ای | ضَا |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| اُشْکُرَا | اُنْصُرَا | اعْلَمَا | اُشْکُرِی | اُنْصُرِی | اعْلَمی |

| | | | |
|---|---|---|---|
| مُکْرِمَانِ | مُسْلِمَانِ | مُخْلِصَانِ | مُنْفِقَانِ |
| مُکْرِمُونَ | مُسْلِمُونَ | مُخْلِصُونَ | مُنْفِقُونَ |
| مُسْلِمَاتْ | مُخْلِصَاتْ | مَنْصُورُونَ | مَطْلُوبُونَ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| مَالْ | حَالْ | نَارْ | جَاهْ | شَامْ | سَامْ |
| بَارِی | عَالِی | رَاضی | قَاضی | هَادی | حَالِی |
| کَلَامْ | سَلَامْ | حَلَالْ | حَرَامْ | جَمَالْ | کَمَالْ |
| امَامْ | حِسَابْ | نِظَامْ | غُرَابْ | غُلَامْ | غُبَارْ |
| اَمْوَالْ | اَحْوَالْ | اَعْمَالْ | اَعْلَامْ | اَمْوَاتْ | اَمْرَاضْ |
| قَوَاعِدْ | عَوَامِلْ | شَوَاهِدْ | جَوَاهِرْ | کَوَاکِبْ | مَکَاتِبْ |
| اکْرَامْ | اعْلَامْ | اخْلَاصْ | اظْهَارْ | اصْلَاحْ | افْسَادْ |
| عَالِمْ | صَابِرْ | مَاهِرْ | طَالِبْ | فَاتِحْ | صَالِحْ |
| قَامَا | طَافَا | تَابَا | قُولِی | طُوفِی | تُوبِی |
| یُقَالُ | یُطَافُ | تُتَابُ | یَقُولُ | تَقُومُ | یَطُوفُ |
